**Қарори № 9**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 оид ба қабули ҳимояи рисолаи номзадии Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар мавзӯи “Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ” аз 12 марти соли 2020

**Раис:** Аз шумораи умумии 16 нафари аъзоёни шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 оид ба додани дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) -и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 15, аз 27 апрели соли 2017 тасдиқ шудааст, 14 нафар аъзо иштирок доранд, аз онҳо 8 нафар докторон аз рӯйи ихтисос мебошанд. Оид ба оғоз намудани ҷаласа пешниҳод ҳаст?

Пешниҳод шуд, ки шӯро ба кор оғоз намояд. Кӣ тарафдори он, ки шӯро кори худро оғоз намояд, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф- нест. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**Рӯзнома**:

Оид ба қабули ҳимояи рисолаи номзадии Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар мавзӯи “Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ”.

Кӣ тарафдори рӯзномаи ҷаласа, хоҳишмандам овоз диҳед. Рӯзнома якдилона қабул шуд.

Барои пешниҳоди хулосаи комиссияи экспертӣ ба рисолаи номзадии “Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии

касбии омӯзгорӣ" сухан ба раиси комиссияи экспертӣ д.и.п., профессор Афгонов С. дода шуд.

**Авғонов С.**: Комиссияи экспертӣ дар хулосаи худ қайд намудааст, ки доираи таҳқиқоти рисолаи диссертатсионии Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович дар мавзӯи "Технологияи педагогии ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии омӯзгорониояндаи забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" ба иҷозатномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст. Рисола ба талаботҳои муқаррargардидаи КОА -и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаҳои номзадӣ, ки дар бандҳои 12, 13, 14, 15- ва 16-и Низомномаи Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, № 505 " Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)" ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 тавсия дода мешавад.

**Раис:** Ба раиси комиссияи экспертӣ оид ба хулосаи экспертӣ савол доред? Савол нест.

**Раис:** Ташаккур. Ба мо лозим аст, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбарро ба диссертатсияи Назирқулов Тагаймурод Абдурасулович муайян ва таъин намоем. Чӣ гуна таклифҳо ҳастанд?

Таклиф пешниҳод гардид, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Юнусова Нафисахон Муродовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Раҳмонов Ғаниҷон Раҳмонович** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мутахассис оид ба хударзёбии сифати таҳсилоти департаменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ таъин шуд.

**Раис:** Кӣ тарафдори таклифи пешниҳодгардида, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Таклиф якдилона қабул ғардид. Ташаккур.

**Раис:** Пешниҳод гардид, ки ҳимояи рисолаи номзадии Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович санаи 30 июни соли 2020, соати 10.00 таъин гардида, барои чопи автореферат иҷозат дода шавад. Хоҳишманадам овоз диҳед.

Тарафдор? – 14 нафар.

Муқобил? – нест.

Бетараф? – нест.

-Якдилона қабул шуд.

**Раис:** Ташаккур. Бо ҳамин ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ оид ба қабул ба ҳимояи диссертатсияи номздаии Назирқулов Тағаймурод Абдурасулович пӯшида эълон мегардад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ Сайфуллоев Х.Ғ.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ Дадобоева М.С.